Ф А Р М О И Ш И
ВАЗИРИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

аз 18.09.2018 №4554 ш. Душанбе

Дар бораи тасдиқи Тартиби фиристодани таълимгирандагон барои таҳсил ба хориҷи кишвар

170.010.000

Дар асоси талаботимоддаи 11 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи шаҳрвандии Ҷумҳурии Тоҷикистон», сархати 26 моддаи 33 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» ва сархати 13 банди 8-и Низомномаи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 марти соли 2014, №145 тасдиқ шудааст,

ФАРМОИШ МЕДИҲАМ:

1. Тартиби фиристодани таълимгирандагон барои таҳсил ба хориҷи кишвар тасдиқ карда шавад (замима мегардад).
2.Фармоиши мазкур тибқи тартиби муқарраргардида ҷиҳати бақайдгирии давлатӣ ба Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда шавад.
3. Фармоиши мазкур пас аз бақайдгирии давлатӣ ва интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.
4. Раёсати кадрҳо ва корҳои махсусфармоиши мазкурро баъд аз бақайдгирии давлатӣ ва интишори расмӣ ба тамоми раёсат, шуъба ва бахшҳои дастгоҳии марказии вазорат, раёсатҳои маорифи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳои Суғду Хатлон, шуъбаҳои маорифи шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ ва роҳбарони муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ, миёна ва олии касбӣ, муассисаҳои тобеи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон дастрас намояд.
5. Назорати татбиқи фармоиши мазкур ба зиммаи муовини якуми вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон сарпарасти соҳа вогузор карда шавад.

Вазир Нуриддин Саид

Бо фармоиши вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 18.09.2018, №4554 тасдиқ шудааст

Тартиби фиристодани
таълимгирандагон барои таҳсил ба хориҷи кишвар

## 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1. Тартиби фиристодани таълимгирандагон ба таҳсил ба хориҷи кишвар (минбаъд Тартиб) дар асоси моддаи 11 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи шаҳрвандии Ҷумҳурии Тоҷикистон», сархати 26 моддаи 33 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» таҳия гардида, тартиби фиристодани шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон барои таҳсил дар хориҷи кишвар ба танзим медарорад.

2. Тартиби мазкур бо мақсади танзими муносибатҳои байналмилалӣ дар соҳаи маориф ва илм, амалӣ намудани лоиҳаҳо, барномаҳо ва шартномаҳои байналмилалӣ, ҳифзи ҳуқуқҳои конститутсионӣ ва таъмини амнияти таълимгирандагон, инчунин пешбурди ҳисоботи оморӣ таҳия гардидааст.

3. Мафҳумҳои асосие, ки дар Тартиби мазкур истифода бурда мешаванд:

- таълимгиранда - хонанда, донишҷӯ, магистр, аспирант, постдокторант, ординатур (резидентур) ва шунавандаи муассисаи таълимӣ;

- мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи маориф ва илм - Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон.

## 2. ТАРТИБИ ФИРИСТОДАН

4. Таълимгирандагон барои таҳсил ба хориҷи кишвар аз рӯи барномаҳои таҳсилоти ибтидоӣ, миёна, олии касбӣ ва баъдидипломӣ тибқи асосҳои зерин фиристода мешаванд:

- дар асоси барномаҳои байналмиллалӣ ба амал баровардани тадқиқотҳои муштараки илмӣ;

- амалӣ намудани шартномаҳо оид ба ҳамкорӣ, барномаҳои мубодилаи донишҷӯён;

- идомаи таҳсил дар зинаи бакалавр, магистратура, докторантура;

5. Таълимгирандагон ҳангоми сафар барои таҳсил ва ё барои иштирок дар чорабиниҳои сатҳи байналмилалӣ, ки дар хориҷи кишвар сурат мегирад, мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи маориф ва илмро бо пешниҳоди анкета, ки дар замимаи №1 ба Тартиби мазкур оварда шудааст, огоҳ менамоянд.

6.Таҳсили таълимгирандагон дар хориҷӣ кишвар набояд ба ҳолати руҳӣ, сатҳи ҷаҳонбинӣ ва малакаи донишандӯзии таълимгиранда таъсири манфӣ расонад.

7. Роҳбарони муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ, миёна ва олии касбӣ ва баъдидипломии дохили кишвар ҳангоми фиристодани таълимгирандагон

барои идомаи таҳсил, таҷрибаомӯзӣ ва ё дигар чорабиниҳо дар хориҷи кишвар бо мактуби расмӣ ба мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи маориф ва илм муроҷиат менамоянд.

8. Ноибони ректор (директор) оид ба корҳои байналмилалӣ, директорони муасисаҳои таҳсилоти касбии ибтидоӣ, миёна, зерсохторҳои мақомоти ваколатдори давлатӣ дар соҳаи маориф ва илм назорати ташкил, сафарбар намудан ва ҳамоҳангии сафарҳои хориҷии таълимгирандагони муассисаҳои таълимиро ба уҳда доранд.

9. Номгӯи ҳуҷҷатҳои зерин ба мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи маориф ва илм пешниҳод карда мешаванд:

- мактуби расмӣ бо имзои роҳбари муассиса ба унвони мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи маориф ва илм;
- нусхаи шиносномаи хориҷӣ;
- нусхаи даъватнома;
- барои таълимгирандагоне, ки аз рӯи барномаҳои мубодилавӣ ба мӯҳлати аз ду моҳ зиёд ба хориҷи кишвар равон карда мешаванд, қарори Шӯрои олимони муассиса олии касбӣ ва нақшаи инфиродии таҳсил;

10. Сафарҳои хориҷии аз ҳисоби маблағҳои буҷетӣ ба нақша гирифташуда тибқи тартиби муқаррарнамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба роҳ монда мешавад.

## 3. МУҚАРРАРОТИ ХОТИМАВӢ

11. Мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи маориф ва илм бо мақсади таъмини амният ва ҳифзи ҳуқуқҳои конститутсионӣ ҳамасола нисбати таълимгирандагоне, ки барои таҳсил ба хориҷи кишвар фиристода мешаванд, ба Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон маълумот ирсол менамояд.

12. Талаботи Тартиби мазкур нисбати таълимгирандагоне, ки тариқи Муассисаи давлатии «Маркази барномаҳои байналмилалӣ» ва намояндагии «Маркази илмию фарҳангӣ»-и Федератсияи Россия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба хориҷи кишвар ба таҳсил фиристода мешаванд, татбиқ намегардад.

13. Муассисаи давлатии «Маркази барномаҳои байналмилалӣ» ва намояндагии «Маркази илмию фарҳангӣ»-и Федератсияи Россия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамасола ба мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи маориф ва илм, тибқи замимаи №2 ба Тартиби мазкур маъулмотро вобаста ба таълимгирандагоне, ки барои таҳсил ба хориҷи кишвар фиристода шудаанд, ирсол менамоянд.

Замимаи №1
ба Тартиби фиристодани
таълимгирандагон барои
таълим ба хориҷи кишвар

Ҷой барои
сурат

3x4

1. Анкетаи
шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ба таҳсил
ба хориҷи кишвар равон карда мешавад

| | | |
|---|---|---|
| 1. | Ном<br>Насаб | |
| 2. | Рӯз, моҳ ва соли таваллуд | |
| 3. | Ҷои таваллуд (деҳа, ноҳия, шаҳр, вилоят) | |
| 4. | Ҷои истиқомати доимӣ, рақами телефон | |
| 5. | Номи муассисаи таълимӣ | |
| 6. | Соли хатм | |
| 7. | Номгӯи муассисаҳои таълимии дигар, ки хатм намудед, соли таҳсил, ихтисос | |
| 8. | Дар хориҷи кишвар таҳсил кардаед?<br>Дар куҷо?<br>Вақти таҳсил<br>Номи муассиса, барномаи таҳсил | |
| 9. | Таҳсил дар хориҷа (барномаи мубодилаи таҳсил дар хориҷи кишвар ё дигар барномаҳо, таҳсил аз ҳисоби маблағҳои ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва ё маблағҳои худ | |
| 10. | Чӣ гуна корҳои илми ва ихтироот доред (нусхаи мақола, рефератҳо, ифтихорномаҳо, маводҳои таълими, (замима кунед) | |

1.1. Маълумот дар бораи хешовандони наздик (падару модар, бародарҳо, хоҳарон, ҳамсар, фарзандон ва дигар намояндагони қонунӣ

| Дараҷаи муносибат | Ном /Насаб, рӯз, моҳ ва соли таваллуд | Ҷои кор (таҳсил) вазифа, рақами телефон | Суроға, индекс, рақами телефон, |
|---|---|---|---|
| Падар | | | |
| Модар | | | |
| Бародарҳо | | | |
| Хоҳарон | | | |
| Ҳамсар | | | |

| | | | |
|---|---|---|---|
| Фарзандон | | | |
| Васӣ, парастор ва дигар намояндагони қонунӣ | | | |

1.2. Фаолияти корӣ (бо назардошти таҳсил дар муассисаҳои миёна ва олии касбӣ, хизмати ҳарбӣ, кор)

| Сана | | Вазифа бо нишондоди ҷои кор | Суроға |
|---|---|---|---|
| Дохил шудан | Хатм | | |
| | | | |
| | | | |
| | | | |
| | | | |
| | | | |

| | | |
|---|---|---|
| 11. | Донистани забони хориҷӣ (дар кадом сатҳ медонед) | |
| 12. | Имтиҳони дараҷавии донистани забони хориҷиро супоридаед? Агар ҳа, холи гирифтаатонро нишон диҳед? | |
| 13. | Шоноснома<br>Силсила<br>Аз тарафи кӣ дода шудааст?<br>Рӯзи дода шуданаш | |
| 14. | Ба кадом кишвар ба таҳсил меравед? | |
| 15. | Ихтисосе, ки дар хориҷи кишвар ба даст меоред. | |

Таърих ______________________________ Имзо ______________________

Замимаи 2
Бо фармоиши вазири
маориф ва илми
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз «____»______ соли 2018,
№______тасдиқ шудааст

Рӯйхати
таълимгирандагоне, ки аз ҷониби ______________________________
(номи идора)

дар массисаҳои таҳсилоти олӣ ва илмии давлатҳои хориҷӣ ба таҳсил фаро гирифта шудаанд.

| № | Ном, насаб номи падар | Соли таваллуд ва миллат | Маҳалли истиқомат | Дар кадом муассисаи таълимии давлатҳои хориҷӣ ба таҳсил фаро гирифта шудааст | Зинаи таҳсилот | Ихтисос | Курс | Соли дохил шавӣ |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1. | | | | | | | | |
| 2. | | | | | | | | |
| 3. | | | | | | | | |
| 4. | | | | | | | | |
| 5. | | | | | | | | |
| 6. | | | | | | | | |